# ТАҚРИЗИ

муқarrizi расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) пешниҳод шудааст.

***Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ***

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (13.00.05.05 – Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ) мувофиқ аст: банди 1 – Методикаи омӯзиши ҷомеашиносӣ – фаъолияти фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо; банди 2 – Тадбиқи равишҳои методологӣ дар омӯзиши фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ (дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ) ва банди 4 – Сифати ташкили фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ: меъёрҳо, нишондиҳандаҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ ва иҷтимоию педагогӣ, назорат ба сифати чорабиниҳои иҷтимоию маданӣ) мувофиқ аст.

***Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ*** аз таҳқиқи ҳамаҷонибаи хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ, ки падидаи иҷтимоӣ-педагогӣ ва фарҳангии мардум мебошанд, дар замонҳои муосир ба вуҷуд омада, бо тағйири сохту мундариҷаи худ иборат мебошад. Рушди ҷомеаи имрӯза ва давлатро бидуни Интернет тасаввур кардан ягон имкон надорад. Интернети муосир танҳо як шабакаи ҷустуҷӯи иттилоот нест; он як воситаи тавоноест, ки қодир аст амсилаҳои тиҷорӣ, равишҳои таълимӣ ва ҳатто муносибатҳои иҷтимоиро тағир диҳад. Мо ба донишҳое, ки қаблан дастрас набуданд, дастрасӣ пайдо мекунем ва метавонем фавран бо одамони тамоми ҷаҳон таҷриба мубодила кунем. Аммо, барои истифодаи бештари интернет, мо бояд тафаккури интиқодӣ ва қобилияти филтр кардани иттилоотро инкишоф диҳем. Ғайр аз он, ҷанбаи муҳим амнияти онлайн аст.

Агар Интернет пурра ва доиман фаъол бошад ҳам, боз ҳам тарзи истифодаи дурусти он, бо ахлоқу маънавиёти хуб бо он муносибат

кардан, ки дар маҷмуъ аз корбар дорои фарҳанги хуб буданро талаб мекунад, ки яке аз проблемаҳои мубрам ва рӯзмарра шудааст.

Зимни кори таҳқиқотӣ муҳаққиқ Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетиро ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ, психологӣ ва педагогӣ мавриди омӯзиш, таҳлилу таҳқиқот қарор дода кӯшиш намудааст онро ҳамчун системаи бо ҳам алоқаманд ва ягона дар низоми таҳсилот баррасӣ намояд. Чунки муҳити тез тағйирёбанда ва бо суръати тез инкишофёбии ҷомеа ва муносибатҳои байни одамон, истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетиро, муносибати махсусро талаб мекунад. Таъкид гардидааст, ки дар рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ бояд аз арзишҳои олии маънавӣ-ахлоқӣ, ғояҳо, равандҳо, падидаҳои иҷтимоии таъсиррасонии мақсаднок ба роҳ монда шавад.

Унвонҷӯ намудааст дастгоҳи илмии кори таҳқиқотии худро мувофиқ ба мавзуъ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқотӣ банду баст намуда нуқтаҳои назариявию амалии бо ҳамдигар мантиқан алоқамандро омӯзад ва амалӣ гардонад. Таҳқиқи ҷабҳаҳои илмӣ, методологии истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ баъди соҳибистиқлол гаштани Тоҷикистон рӯйи кор омад ва зиёдтар мавриди таваҷҷуҳи пажӯҳишгарон қарор гирифт, ки ин дар таҳқиқоти мазкур низ махсус мавриди таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Муҳаққиқ тавонистааст, ки дар раванди таҳқиқот ба масъалаи мазкур аз нигоҳи иҷтимоӣ, ҷабҳаҳои психологӣ-педагогии он ягонагии таъсиррасонии мақсаднок ба шуур ва рафтори наврасону ҷавононро дар робитаи байниҳамдигарӣ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор диҳад. Мавриди коркард ва баррасии фарзияи таҳқиқот, нуқтаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда, ҷанбаҳои фалсафӣ-таърихӣ ва шароитҳои психологӣ-педагогии рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ таъкид гардидааст.

***Дар навгонии таҳқиқот*** чунин нуктаҳоро арзёбӣ намудан мумкин аст:

- консепсия ва ҷузъҳои "фарҳанги интернетии ҷавонон" бо назардошти гурӯҳҳои синну сол ва хусусиятҳои шахсӣ мушаххас карда шуданд. Ҳама унсурҳои асосӣ, аз қабили меъёрҳои иттилоотӣ, тарзи ҳамкорӣ ва рафтори иттилоотиву иртиботӣ муайян ва асоснок карда шудаанд;

- меъёр ва нишондиҳандаҳои муҳим дар ин самт муайян карда шудаанд, аз ҷумла арзишу ангезаҳое, ки тавассути нишон додани

ҳавасмандӣ ба фаъолияти иттилоотӣ, дарки арзиши амалҳои иттилоотӣ, фаъолсозии коммуникатсия, инчунин равишҳои арзишӣ ба ҳамкорӣ ва риояи принсипҳои амалияи бомуваффақияти иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ҳавасманд мекунад;

- стандарти таълимӣ таҳия шудааст, ки огоҳӣ дар бораи имкониятҳо ва сохтори амалҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, инчунин усулҳо ва захираҳо барои ҳамкории дастаҷамъӣ, аз ҷумла меъерҳо ва қоидаҳои муқарраршуда дар соҳаи маълумот ва мубодилаи интернетро дар бар мегирад;

- меъёрҳое, ки ба равиши абзорӣ-фаъолиятӣ асос ефтааст, коркард ва самаранокии истифодаи он собит карда шудааст (донистани усулу восита ва принсипҳои фаъолияти иртиботӣ, мувофиқати фаъолияти иттилоотӣ ва иртиботӣ ба меъёрҳо ва қоидаҳои муқаррарнамудаи ҳамкории бомуваффақияти иҷтимоӣ дар шабакаи Интернет);

- меъёрҳои мутобиқшавӣ (паст), самаранокӣ (миёна), эҷодкорӣ (баланд) дар заминаи ташаккули фарҳанги интернетӣ дар насли ҷавони ба таълим машғулбуда таҳия ва пешниҳод карда шудаанд.

- барномаи модулии «Асосҳои фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити муосири муассисаҳои таълимӣ» коркард ва ҷорӣ карда шудааст.

Методҳои назариявӣ ва амалии интихобнамуда ва истифодакарда ба муаллиф имконият додааст ба натиҷаҳои дилхоҳ кори таҳқиқотӣ ноил гардида амалӣ гардидани мақсаду вазифаҳо, коркарду пешниҳоди хулосаи илмӣ, тавсияҳои методиро барои истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот ба омӯзгорони муассисаҳои таҳсилотию волидон коркард ва пешниҳод намояд.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот*** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои он дар назария ва методологияи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва касбӣ саҳми муайян мегузоранд. Таҳқиқот ҷанбаи иҷтимоӣ-педагогии ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонони таълимгирандаро ошкор менамояд; хусусиятҳои муҳим ва пурмазмуни мафҳуми «фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити таълим»-ро ошкор мекунад; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои асоснокшуда, сатҳи фарҳанги ташаккулёфтаи интернетии ҷавонони таълимгирандаро, ки хусусиятҳои асосии фарҳанги Интернетро муайян мекунанд; маҷмуи шароити педагогӣ зикр карда шудааст, ки таваҷҷуҳро ба ташаккули сатҳи баланди фарҳанги интернетӣ дар байни хонандагон ва донишҷӯён муайян менамояд.

***Аҳамияти амалии таҳқиқот*** *иборат аст аз:*

- амсилаи таҳияшудаи раванди ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити муосири муассисаҳои таълимӣ бо мақсади муносибгардонии ташаккули малакаҳои фаъолияти муассири иттилоотӣ ва

иртиботии ҷавонон дар Интернет истифода бурда мешавад;

- истифодаи дастгоҳи илмӣ-таҳқиқотӣ дар асоси меъёрҳо имкон медиҳад, ки сатҳи ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонон назорат карда шавад;

- барномаи муаллифонаи модулии таълимии «Асосҳои фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити муосири муассисаҳои таълимӣ», ки дар корҳои беруназаудиториявӣ амалӣ карда шудааст, ба баланд шудани сатҳи ташаккули фарҳанги интернетӣ мусоидат мекунад;

- хулосаҳо ва муқаррароти асосӣ, маълумоти таҷрибавӣ-озмоишӣ, маҷмуи саволномаҳо, тестҳо барои гузаронидани таҳқиқоти ҳамаҷониба ҷиҳати беҳтар кардани таълими Интернет дар муассисаҳо, коллеҷҳо, донишгоҳҳо истифода шаванд.

Дар таҳқиқот масъалаи хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ муҳим буда, метавонанд ба таҳқиқотҳои сотсиологӣ, фарҳангшиносӣ, психологӣ замина гузорад. Инчунин маҷмуи шароиту имкониятҳои истифодабарии воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ пешниҳод карда шудаанд, аз онҳо омӯзгорони ҳамаи зинаҳои таҳсилотӣ метавонанд истифода, бурда сатҳу сифати фаъолияти касбии худро такмил диҳанд.

***Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот*** бо истифодаи як қатор усулҳои мувофиқ ба мақсад, вазифа, объект ва предмети таҳқиқот, таҳлили ҳамаҷонибаи сифатӣ ва микдории маълумоти эмпирикӣ, ки дар ҷараёни кори таҷрибавӣ ба даст оварда шудаанд, истифодаи тести дутарафаи Пирсон барои таҳлили маълумотҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ, тасдиқи фарзияи таҳқиқотӣ тасдиқ карда мешавад.

***Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот*** дар он зоҳир мешавад, ки дар заминаи омӯхтан, таҳлил намудани таҳқиқотҳои илмии олимони хориҷию ватанӣ, заминаҳои назариявию амалӣ, таҷрибаи муассисаҳои таҳсилотии дигар имкони рушду афзоиши фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити муосири муассисаҳои таълимиро муайян ва асоснок кард: бо ташкилу гузаронидани корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ аҳамияти истифодаи дурусти Интернетро дар таъмини муҳити таълимӣ ва самаранокии онро муқаррар намуд.

Диссертатсияи Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович аз ду боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳои методӣ, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

***Дар боби якуми диссертатсия*** - «Заминаҳои назариявии ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ», масъалаҳои ҷанбаи иҷтимоӣ-педагогии ташаккули

фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернет ва бархӯрдҳои назариявӣ нисбати таъйиноти мафҳуми «фарҳанги интернетӣ»-и ҷавонон дар таълифоту таҳқиқотҳои муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Унвонҷӯ қайд мекунад, ки дар адабиёти муосири илмӣ ва педагогӣ чунин меҳисобанд, ки педагогикаи иҷтимоӣ дар ибтидои асри XX пайдо шудааст. Асри XXI давраи технологияҳои олии компютерӣ мебошад. Ҷомеа ба марҳилаи муосири рушд ворид шудааст – ҷомеаи иттилоотӣ ташаккул меёбад, ки равандҳои иттилоотӣ ва иттилоот дар он яке аз ҷузъҳои муҳимтарини фаъолияти ҳаёти инсон ва ҷомеа мегарданд. Рушди раванди ҷаҳонӣ на фақат ба ташаккули муҳити нави иттилоотии мавҷудияти инсон оварда мерасонад, балки ҳамчунин барои тарзи ҳаёти солим ва фаъолияти касбӣ мусоидат мекунад.

Таҳсилоти муосир бояд донишро бо таҷрибаи амалӣ муттаҳид кунад. Инро тавассути фаъолияти тарроҳӣ ва равишҳои байнисоҳавӣ ба даст овардан мумкин аст, ки дар донишҷӯён малакаҳои заруриро барои ҳалли мушкилоти воқеӣ ташаккул медиҳанд. Ҳамин тариқ, раванди таълим пурмазмунтар ва мувофиқтар мегардад, ки ба рушди ҳамоҳангтари шахсият мусоидат мекунад.

Ташаккули фарҳанги интернет як раванди мураккабест, ки на танҳо мубодилаи иттилоот, балки эҷодӣ меъёрҳо ва қоидаҳои нави ҳамкориро дар бар мегирад. Ҷанбаҳои коммуникатсионӣ дар ин ҷо нақши калидӣ доранд: платформаҳои муосир шаклҳои нави муоширатро пешниҳод мекунанд, ки форматҳоианъанавиро ба воқеияти рақамӣ мутобиқ мекунанд. Ин дар навбати худ ба тарзи дарк ва тафсири иттилоот таъсир мерасонад ва намуди беназири муошırати онлайнро ба вуҷуд меорад. Ҷузъҳои танзимкунандаи фарҳанги интернетӣ дар шароити афзоиши таҳдидҳои интернетӣ ва хабарҳои қалбакӣ махсусан муҳим мешаванд.

Муҳаққиқ се сатҳи фарҳанги шахсиятро пешниҳод менамояд ва Интернетро як шабакаи глобалии иҷтимоӣ ва иртиботӣ мешуморад, ки барои қонеъ кардани ниёзҳои иттилоотӣ ва иртиботии шахсон ва гурӯҳҳо тавассути истифодаи технологияҳои телеиртиботӣ нигаронида шудааст:

1) фарҳанги шахсият ҳамчун як ҷузъи дониши инсон дар бораи олами атроф, ҷомеа, худ, ҷаҳонбинӣ. Он дар раванди фаъолияти маърифатии шахс, таҳсилоти ӯ дар муассиса, коллеҷ, донишгоҳ, худидоракунии таълим, фаъолияти ҳаррӯза ва ғайра ташаккул меёбад;

2) фарҳанги шахсият ҳамчун маҷмуи ҳиссиёти инсон, таҷрибаҳо, майлҳои равонӣ. Он ба таври худкор дар зери таъсири муҳити иҷтимоие, ки шахс дар он аст, ташаккул меёбад.

3) фарҳанги шахс ҳамчун маҷмуи малакаҳо, қобилиятҳо, усулҳо ва меъёрҳои фаъолияти шахс. Он дар раванди ҳаёти инсон ташаккул меёбад.

***Боби дуюми диссертатсия*** - «Асоснокии таҷрибавию озмоишии самаранокии ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» асоснок намудани самаранокии фарҳанги ҷавононро дар асоси таҷрибаю озмоишҳо фаро мегирад. Дар боби мазкур масъалаҳои шароитҳои педагогии ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ, ташкили корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ оид ба ташаккули фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ баррасӣ гардида, натиҷагирӣ карда шудаанд.

Муҳақиқ таъкид мекунад, ки ташаккули фарҳанги интернетӣ ҷузъҳои коммуникативӣ ва танзимкунанда, рафторӣ ва иттилотиро фаро мегирад ва гузариши он ба сатҳи баландтар ба ташаккули фарҳанги шахсӣ мусоидат мекунад.

Корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба санҷиши шароити педагогӣ барои ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонони муассисаҳои таълимӣ равона карда шудааст ва алахусус дар асосноксозии амалии амсилаи ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонони муассисаҳои таълимӣ, ҷорӣ кардани таҷриба дар барномаи модулии «Асосҳои фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити муосири муассисаҳои таълимӣ», ҳамчунин, татбиқи комплексии технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ дар раванди таълими муассисаи таҳсилоти миёнаи касбӣ ифода меёбанд.

Мақсади кори таҷрибавӣ-озмоишӣ на танҳо ташаккули фарҳанги интернетӣ дар байни ҷавонони муассисаҳои таълимӣ, балки арзёбии амиқи сатҳи ин фарҳанг дар марҳилаҳои гуногун, инчунин назорати дақиқи гузаронидани корҳои таҷрибавӣ мебошад. Муҳақиқ кушиш намудааст, ки фазое эҷод намояд, ки ҷавонон тавонанд бо ҷаҳони рақамӣ бошуурона ва бехатар муошират кунанд ва малака ва тафаккури интиқодии худро инкишоф диҳанд.

Амсилаи мақсаднок бо рушди фарҳанги интернетии ҷавонон дар муҳити таълимӣ алоқаманд аст. Унсури калидии системаи маориф ба тарбияи фарҳанги ҳамкорӣ дар фазои рақамӣ нигаронида шудааст, ки ба омезиши ҳамоҳангии раванди таълим мусоидат мекунад. Ин амсила на танҳо ба содда кардани муошират, балки ба фароҳам овардани муҳити бехатар ва самаранок нигаронида шудааст, ки дар он ҳар як иштирокчӣ метавонад ба потенсиали худ бирасад ва муҳити иҷтимоии худро бо дониш ва арзишҳои нав ғанӣ гардонад.

Амсилаи сохторӣ ва функсионалии коркардшуда ташаккули фарҳанги интернетии ҷавонони муассисаҳои таълимӣ, маҷмуи ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд ва вобастаи (мақсаднок, методологӣ, мундариҷавӣ, фаъолиятӣ, назоратӣ ва самаранокӣ) буда, хусусияти онро муайян мекунад ва ба тавсиф ва тавсеаи дониш дар бораи раванди омӯзиш барои тағйирот ва мудиряти самарабахш мусоидат мекунад.

Муҳақиқ қайд мекунад,  ки ташаккули фарҳанги интернетӣ раванди тағйири мақсадноки шахсият дар зери шароити педагогӣ мебошад, ки махсус аз ҷониби субъекти фаъолияти педагогӣ эҷод шудааст, ки барои азхудкунии малакаҳои амалии иттилоотӣ ва интерактивӣ дар Интернет мутобиқи меъёрҳо ва қоидаҳои муассирии маҷозӣ нигаронида шудааст.

Дар асоси баҳисобгирии натиҷаҳои таҳқиқоти Шарипов Р.С. маҷмуи хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои методиро оид ба хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ пешниҳод намудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсия намудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 номгӯй, 1 монография, 4  номгӯи мақолаҳо дар маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд.

***Мутобиқати барасмиятдарории кори диссертатсионӣ*** ба талаботи КОА ба таҳияи диссертатсия ва автореферат ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда мувофиқат менамояд. Автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда оид ба моҳияти кори таҳқиқотии ташкил ва гузаронидашуда, натиҷагии муҳаққиқ аз он маълумоти аниқ медиҳад.

***Эродҳо ба рисолаи илмӣ ва фишурдаи он***

Бо баробари дастовардҳои илмии таҳқиқот, дар диссертатсия ва автореферати он як қатор камбудиҳо мушоҳида мегардад, ки бартарафсозии онҳо дар такмилу давомдиҳии минбаъдаи кори илмӣ мадад хоҳад расонд.  Ба монанди:

1. Муаллифи рисола амалишавии талаботи «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» –ро вобаста ба масъалаи мазкур мавриди талилу омӯзиши васеъ қарор дода, рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавононро зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ тибқи талаботи стратегияи мазкур таҳқиқ менамуд, ба мақсади гузоштааш бештар ноил мегардид.

2. Муаллифи рисола оид ба роҳҳо ва воситаҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ маълумоти зиёде ҷамъ оварда, механизми татбиқи онҳоро нишон додааст, аммо вазъи омодагии муассисаҳои таълимиро бобати татбиқи амалии ин масъала баррасӣ накардааст.

3. Дар руйхати адабиёт шумораи нокифояи корҳои илмии олимони ватанӣ оид ба масъалаи хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ мушоҳида мегардад.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферат ғалатҳои имлоию техникӣ ҷой доранд, ки ба таҳриру тасҳеҳ ниёз доранд.

Бояд қайд намуд, ки эродҳои зикргардида арзиши илмию амалии таҳқиқоти диссертатсиониро коҳиш намедиҳанд. Бинобар ин кори таҳқиқотии ба анҷомрасида ба ҳисоб меравад.

Кори диссертатсионии Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» кори таҳқиқотии мустақилона иҷрошуда ва анҷомёфта буда, аз рӯи сохтор тибқи талабот ба кори илмӣ-таҳқиқотӣ барои ноил шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ омода гардидааст.

Адабиёти истифодашуда ба мавзуъ ва масъалаи таҳқиқотӣ мантиқан робита доранд. Мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ихтисоси интихобшуда мутобиқат менамояд.

Автореферат мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Интишороти муҳаққиқ, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастури таълимӣ-методӣ, маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд, ба мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ мувофиқат менамоянд.

## ХУЛОСА

Кори диссертатсионии Шарипов Раҳмоналӣ Саидакбарович дар мавзуи «Хусусиятҳои рушди фарҳанги иҷтимоишавии ҷавонон зимни истифодаи воситаҳои техникӣ ва шабакаи интернетӣ» ба талаботи пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 ва таҳрири нави он аз 26.06.2023, №295 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи таҳқиқот Шарипов Раҳмоналӣ

Саидакбарович сазовор барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-ичтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи ичтимоӣ ва худшиносӣ) дониста мешавад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Точикистон

Мирзоев Абдулазиз Рачабович

**Маълумот барои тамос:**
Чумҳурии Точикистон, 734067, ш. Душанбе, х. Борбад 48/5.
Тел: (+992 37) 234-88-01, (+992) 918 636113, Emai: aziz69@mail.ru

26.08.2025

*Имзои Мирзоев Абдулазиз Рачабовичро тасдиқ мекунам.*
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва
соҳибкории Точикистон Чураев Ш.Н.